Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 153 (4573) | ЧОРШАНБЕ, 14 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ РАСМИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН

**14 - уми декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои анҷом додани сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Исломии Покистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел карданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазирони корҳои хориҷӣ, энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, нақлиёт, директорони Агентии назорати маводи нашъаовар, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, сардори Хадамоти гумрук, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

**14 - уми декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ вориди шаҳри Исломобод - пойтахти Ҷумҳурии Исломии Покистон шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Исломобод горди фахрӣ саф ороста, Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми кишвари мизбон бо самимияти олӣ истиқбол гирифтанд.

Тибқи муқаррароти сафарҳои расмӣ, ба ифтихори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тӯпхонаҳо 21 маротиба шиллик сар дода шуд.

Барои пазироии меҳмони олимақом шаҳри Исломобод бо аксҳои сарони давлатҳои Тоҷикистону Покистон, парчамҳои ҳар ду давлат ва шиору овезаҳо оро дода шуд.

**www.president.tj**

## ИТТИЛОИЯ

### Дар бораи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 16-уми декабри соли 2022, соати $10^{00}$ дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми декабри соли 2022 аз соати $09^{00}$ то соати $17^{00}$ ва 16-уми декабри соли 2022 аз соати $08^{00}$ то $09^{30}$ дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо: 221-98-35, 221-12-47.**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## ТАСДИҚИ ЧОР СОЗИШНОМА ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**14-уми декабри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 60 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Бобозода, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Холмурод Раҳмон ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа чор масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба он таклифу пешниҳоди дигар нест?

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзномаи ҷаласа мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Устувории шабакаи роҳҳо – маблағгузории иловагӣ»**

**2. Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи сармоягузорӣ ба бахши обтаъминкунӣ ва беҳдошти Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд**

**3. Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд**

**4. Дар хусуси Созишномаи грантӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд.**

**РАИС:** -Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Устувории шабакаи роҳҳо – маблағгузории иловагӣ» пешниҳод шудааст.

Созишнома бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 -юми ноябри соли 2022 таҳти №473 маъқул дониста, 4 -уми ноябри соли 2022 ба имзо расонида шуд.

Ҳадафи маблағгузории иловагии лоиҳа ба даст овардани нишондиҳандаҳо ба монанди лоиҳаи амалкунанда, аз ҷумла мусоидат ба рушди иқтисодӣ тавассути таъмини ҳамлу нақли бехатар ва рақобатпазир дар минтақаи Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ҲИМОМ) ва баланд бардоштани бехатарӣ ва устувории шабакаи роҳҳо дар ҷануби Тоҷикистон мебошад.

Арзиши умумии лоиҳа 52,4 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки аз он 43,2 миллион доллар гранти Бонки осиёии рушд ва 9,2 миллион доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нигоҳдории агентии татбиқкунанда, супоридани андоз ва дигар пардохтҳо, аз қабили ҷуброни замин ва кӯчонидани аҳолӣ, равона карда мешавад. Татбиқи лоиҳа соли 2022 оғоз ёфта, то соли 2025 ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади дар муҳлати муқарраршуда амалӣ гардидани Лоиҳаи «Устувории шабакаи роҳҳо - маблағгузории иловагӣ» аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки созишномаи грантии пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Бахтиёр Аҳмадзода дода мешавад.

**Бахтиёр АҲМАДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Устувории шабакаи роҳҳо-маблағгузории иловагӣ» 4 -уми ноябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шуда, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Он бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми декабри соли 2022 таҳти №1486 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси на-



моядагон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

## 28 ҚАДАМИ УСТУВОРИ ҲИЗБИ МАРДУМӢ





**Нуҳуми декабри соли равон бо ташаббуси Фраксияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бахшида ба 28-умин солгарди таъсисёбии ҲХДТ чорабинии идона таҳти унвони «28 қадами устувори ҳизби мардумӣ» баргузор гардид.**

Зимни суханронӣ дар ифтитоҳи чорабинӣ раиси Фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагон Фозил Обидзода иброз намуд, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар тӯли фаъолияти 28-сола тавонист ҷомеаи Тоҷикистонро ба сӯи созандагиву бунёдкорӣ ҳидоят намояд. Барномаи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон фарогири ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар масъалаҳои ҷомеаи мо мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30-юми ноябри соли равон дар маҷлиси Кумитаи иҷроияи марказии ҲХДТ зикр карданд, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии сокинони Тоҷикистон нақши муассир дошта, дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум саҳми бориз дорад. Вазифаҳои асосии ҳизб дар барномаҳои пешазинтихоботии он, қарорҳои анҷуманҳои сенздаҳум ва чордаҳум, ки самтҳои муҳимтарини рушди мамлакатро то соли 2027 дар бар мегиранд, мушаххас гардидаанд.

Ба таъкиди Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, рисолат ва мазмуну моҳияти барномаҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон рушди устувори Тоҷикистони соҳибистиқлол, ободу пешрафта ва аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ босубот мебошад. Ишора шуд, ки кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ якҷо бо сохторҳои ваколатдори соҳаҳои гуногун ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баҳри фароҳам овардани ҷойҳои нави кор ва зина ба зина беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро дар маркази диққат қарор медиҳанд. Илова бар ин, барои беҳсозии вазъи муассисаҳои таълимӣ, беҳтар гардонидани шароити оилаҳои серфарзанд мусоидат мекунанд.

- Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид гардид, ки бо мақсади боз ҳам густариш бахшидани корҳо аъзои Фраксияи ҳизбро дар парлумони мамлакат зарур аст ҳамкориро бо кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тақвият бахшида, донишу малака ва маҳорату таҷрибаро ба хотири амалӣ кардани барномаҳои ҳизб ва татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» равона созанд, - таъкид кард Фозил Обидзода.

Оид ба масъалаи мавриди назар вакилони Маҷлиси намояндагон Шарифҷон Ҳакимзода, Ҳуснигул Одиназода, Зоир Раҳмонзода ва раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Қонунгузор» Наҷибулло Оқилзода маърӯза карданд.

Дар интиҳо як қатор вакилони Маҷлиси намояндагон ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагон бо Ифтихорнома ва Сипоснома сарфароз шуданд.

**Б. КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**

## ИШТИРОКИ ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР ФОРУМИ НУҲУМИ УМУМИРОССИЯГИИ СУЛҲ

**Нуҳуми декабри соли 2022 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раъно Бобоҷониён дар Форуми нуҳуми умумироссиягии сулҳ, ки 6-8-уми декабри соли равон дар шаҳри Перми Федератсияи Россия баргузор гардид, аз тариқи фосилавӣ иштирок ва суханронӣ кард.**

Раъно Бобоҷониён дар мавзӯи «Дипломатияи мардумӣ ва таҳкими равобити Тоҷикистон ва Россия» баромад карда, аз ҷумла гуфт, ки шароити ҳозираи тезутунд шудани вазъият дар баъзе минтақаҳо ва таъсири манфии онҳо ба инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ аз мо талаб мекунад, ки роҳҳои ба даст овардани сулҳу осоиш, таъмини ҳамфикрӣ ва боварӣ миёни давлатҳо ва халқҳоро ҷустуҷӯ кунем.

Дар ин замина, дипломатияи мардумӣ низ метавонад дар таҳияи пешниҳодҳо ва раҳоӣ аз ҳолатҳои буҳронии мавҷуда саҳми арзанда гузорад. Дипломатияи мардумӣ алҳол дар шароити мураккаби байналхалқӣ ҳамчун воситаи самарабахши ҷустуҷӯи роҳҳои якҷояи ҳалли проблемаҳои умумӣ бо роҳи мустаҳкам кардани боварии ҳамдигарӣ ва ҳамфикрии байни одамон баромад мекунад.

- Дар ин росто, ба унвони мисол, меxоҳам фаъолияти дипломатияи халқиро дар равобити Тоҷикистон ва Россия зикр намоям, - иброз дошт Раъно Бобоҷониён ва афзуд: - Дар робита ба дипломатияи мардумӣ Россия таҷрибаи ғанӣ дорад, зеро он кишвари сермиллат аст. Муносибатҳои наздики чандинасра ва табодули арзишҳои динию фарҳангӣ дар равандҳои ҳамгироии халқҳои Россия нақши бузург бозиданд ва имрӯз ин падидаро метавон сарвати бузурги Федератсияи Россия арзёбӣ кард.

Таъкид гардид, ки бояд аз мавқеи дипломатияи мардумӣ дуруст истифода бурда, дӯстиву наздикии анъанавиро таҳким бахшем ва вазъи орому амн дар минтақаро муштаракан ҳифз намоем.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ТАСДИҚИ ЧОР СОЗИШНОМА ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳадафи маблағгузории иловагии лоиҳа мусоидат ба рушди иқтисодии мамлакат дар заминаи амалишавии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», таъмини ҳамлу нақли бехатар ва рақобатпазир, баланд бардоштани бехатарӣ ва эътимоднокии шабакаи роҳҳо дар ҷануби Тоҷикистон мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон тасдиқ ёфтани созишномаро ҷонибдорӣ карданд.

Созишнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқ шудани Созишномаи грантии мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест?

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Устувории шабакаи роҳҳо – маблаггузории иловагӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи сармоягузорӣ ба бахши обтаъминкунӣ ва беҳдошти Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъала сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи сармоягузорӣ ба бахши обтаъминкунӣ ва беҳдошти Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» пешниҳод гардидааст.

Созишнома бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории кишвар 3-юми октябри соли 2022 дар ҳаҷми 45 миллион доллари амрикоӣ (33,5 миллион доллар ҳуқуқи махсуси қарзгирӣ) ба имзо расонида шудааст.

Ҳадаф аз татбиқи лоиҳа беҳтар кардани дастрасӣ ба таъминоти оби нӯшокӣ ва беҳдошт дар ноҳияҳои алоҳида ва таҳкими иқтидори муассисаҳои соҳаи обтаъминкунӣ ва беҳдошт барои такмил ва беҳтар кардани хизматрасониҳои пешниҳодшаванда мебошад. Лоиҳа аз чор қисм иборат аст:

- таҳкими сохторҳои институтсионалӣ ва тақвияти иқтидори муассисаҳои (субъектҳои) соҳаи об (3 миллион доллари амрикоӣ);
- сармоягузорӣ ба обтаъминкунӣ ва беҳдошт (40,5 миллион доллари амрикоӣ);
- идоракунии лоиҳа (1,5 миллион доллари амрикоӣ);
- қисмати шартӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода.

Бояд қайд кард, ки мақоми татбиққунандаи лоиҳа Вазорати энергетика ва захираҳои об ва Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» муайян шуда, дар давраи татбиқ тамоми чорабиниҳои дар доираи он пешбинишударо амалӣ менамоянд. Татбиқи лоиҳаи мазкур соли 2023 оғоз ёфта, анҷоми он соли 2027 ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади дар муҳлатҳои муқарраршуда амалӣ гардидани лоиҳа аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки созишномаи грантии пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС: -** Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Гулмаҳмадзода Зулфиқор дода мешавад.

**Зулфиқор ГУЛМАҲМАДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи сармоягузорӣ ба бахши обтаъминкунӣ ва беҳдошти Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд 3-юми октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мақсади лоиҳа беҳтар кардани дастрасӣ ба таъминоти оби нӯшокӣ ва беҳдошт дар ноҳияҳои алоҳида (ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ ва Дӯстии вилояти Хатлон) таҳкими иқтидори муассисаҳои соҳаи обтаъминкунӣ ва беҳдошт барои такмил ва беҳтар кардани хизматрасониҳои пешниҳодшаванда мебошад.

Маблағгузории он пурра аз ҳисоби Бонки умумиҷаҳонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Созишнома бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳо Созишномаи зикргардидаро ҷонибдорӣ карданд.

Кумитаи масъул масъаларо 9-уми декабри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Қодири Қосим, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва намояндаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дод. Иштирокчиён созишномаро пурра ҷонибдорӣ карданд.

Созишнома бо моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Бинобар ин, аз шумо хоҳиш карда мешавад, ки тасдиқи Созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** -Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома оид ба маблаггузорӣ (Лоиҳаи сармоягузорӣ ба бахши обтаъминкунӣ ва беҳдошти Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» шурӯъ мекунем. Сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**

**- Муҳтарам, Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд пешниҳод мегардад. Созишнома бо тартиби муқаррарнамудаи конунгузорӣ 3 - юми октябри соли 2022 дар ҳаҷми 47 миллион доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд, ки аз он 30 миллион доллар гранти Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (бо эквиваленти 22,4 миллион доллар ҳуқуқи махсуси қарзгирӣ) ва 17,0 миллион доллар гранти Фонди ягонаи донории трастии Барномаи шарикии Иттиҳоди Аврупо ва Бонки умумиҷаҳонӣ, (қисми III) барои кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ (бо эквиваленти 16,19 миллион евро) мебошад.

Ҳадаф аз татбиқи лоиҳа таҳкими иқтидор дар соҳаи банақшагирии захираҳои об ва идоракунии обёрӣ дар Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии низоми обёрии интихобшуда дар ҳавзаи дарёҳои Вахш ва Зарафшон мебошад.

Лоиҳа аз чор қисм иборат мебошад, аз ҷумла:

- ислоҳоти бахши об ва таҳкими институтсионалӣ (7,5 миллион доллари амрикоӣ);
- такмили низомҳои обёрӣ (36,7 миллион доллари амрикоӣ);
- идоракунии лоиҳа (2,8 миллион доллари амрикоӣ);
- қисмати шартӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода.

Бояд қайд кард, ки мақоми татбиққунандаи лоиҳа Вазорати энергетика ва захираҳои об ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, дар давраи амалисозии лоиҳа тамоми чорабиниҳои дар доираи он пешбинишударо амалӣ менамоянд. Татбиқи лоиҳа соли 2023 оғоз ёфта, анҷоми он соли 2027 ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади дар муҳлати муқарраршуда амалӣ гардидани «Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон» аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки созишномаи грантии пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд 3 - юми октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шуда, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Дар доираи татбиқи Созишнома ҳамчунин:

- таҳкими иқтидорҳои АБЗО, тарҳрезии инфрасохтори ба тағйирёбии иқлим устувор, идоракунӣ дар сатҳи системаҳои обёрӣ;
- таъмири биноҳо, пешниҳоди мебел, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёти амвтомобилӣ ба воҳидҳои АБЗО дар ҳавзаи дарёҳои Вахш ва Кофарниҳон;
- дастгирии таъсиси шӯроҳои миллӣ ва ҳавзавии об ва тақвияти иқтидори он;
- тарҳрезӣ ва насби системаҳои ченкунии хароҷоти об;
- кумак барои низоми миллии иттилоотии об ва таҳияи нақшаҳои ҳавзавии об;
- таъмини таҷҳизоти лабораторӣ, техника, аз ҷумла лаборатория, дар назар дошта шудааст.

Кумита тибқи қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагон масъалаи зикргардидаро 13-уми декабри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Қодири Қосим, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, намояндагони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дод. Иштирокчиён созишномаро пурра ҷонибдорӣ карданд.

Созишнома бо моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки тасдиқ гардидани Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушдро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома оид ба маблаггузорӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи грантӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» шурӯъ мекунем.

Сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад.

**Юсуф МАҶИДӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи грантӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд манзур мегардад.

Маблағгузории лоиҳаи мазкур аз ҳисоби ду сарчашма, яке Созишнома оид ба маблағгузорӣ дар ҳаҷми 30 миллион доллари амрикоӣ грант бо Ассотсиатсияи байналмилалии рушд, ки дар доираи масъалаи рӯзномаи ҷаласаи имрӯза баррасӣ гардида буд ва Созишномаи грантӣ дар ҳаҷми 17 миллион доллар бо Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд пешбинӣ гардидааст.

Дар лоиҳаи мазкур Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд ба сифати маъмурӣ маблағгузориҳои Фонди ягонаи донории трастии Барномаи шарикии Иттиҳоди Аврупо ва Бонки умумиҷаҳонӣ (қисми III) барои кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ баромад мекунад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки Созишномаи грантиро барои амалӣ гардидани «Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон» дастгирӣ намоед.

**РАИС: -**Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода дода мешавад.

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи грантӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Он дар иртибот ба созишномаи қаблӣ доир ба масъалаҳои такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Кумита тибқи қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагон масъалаи зикргардидаро 13-уми декабри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Қодири Қосим, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, намояндагони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дод. Иштирокчиёни ҷаласаи васеъ созишномаро пурра ҷонибдорӣ карданд.

Созишнома бо моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки тасдиқ гардидани Созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ««Дар хусуси Созишномаи грантӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа ягон эроду пешниҳод ҳаст? Нест?

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, бо ҳамин ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



# БАБРИ БАРФӢ. ҶАЗО ПУРЗӮР ШУД, ШИКОР КАМ МЕШАВАД?

**12-уми октябри соли равон дар ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ гардид.**

Муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Талбакзода доир ба дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми декабри соли 2021 дар бораи пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ ва муомилоти ғайриқонунии бабри барфӣ, аз ҷониби Прокуратураи генералӣ, ки зарурати ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён овардааст, баромад карда, аз ҷумла гуфт:

- Масъалаи пешгирии шикори ғайриқонунии ҳайвоноти нодир, аз ҷумла бабри барфӣ, ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор дода шуда, маълум гардид, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ин масъала ҳарчанд ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардида бошад ҳам, он барои пешгирии ин ҷиноят ва ба ҷавобгарии сазовор кашидани гунаҳкорон мусоидат намекунад. Кодекси ҷиноятӣ барои чунин кирдор ҷазоро дар шакли ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол муқаррар кардааст.

Инчунин, ӯ таъкид кард, ки дар сурати идома ёфтани шикор ё нобуд кардани захираҳои бабри барфӣ, ин ҳолат, бешубҳа, боиси зуд ва хеле кам шудани саршумори он дар муҳити табиӣ гардида, минбаъд рафти барқароркунии онҳо душвор ва боиси аз байн рафтани ин навъи ҳайвонот мегардад, ки дар маҷмӯъ ба низоми мавҷудаи экологӣ зарари ислоҳнашаванда мерасонад.

Ҳамин тавр, пас аз ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шикор ё қасдан нобуд кардани бабри барфӣ - бо ҷарима ба андозаи аз 800 то 1200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад. Ҳамин кирдор, агар аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ, аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир гардида бошад, дар ҳудуди мамнӯъгоҳ, парваришгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё минтақаи вазъияти фавқулодаи экологӣ содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз 1500 то 2000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо пешбинӣ шудааст.

Ворид кардани чунин меъёр ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои пешгирии нобудшавӣ ва аз байн нарафтани ин ҷонвари нодир, ки ба рӯйхати сурхи Иттифоқи байналмилалии ҳифзи табиат ва замимаи 1 Конвенсия «Дар бораи савдои байналхалқии намудҳои флора ва фаунаи ёбоӣ, ки дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарор доранд» дохил гардидааст, мусоидат намояд.

Ёдовар мешавем, ки шикори ин ҳайвони нодир дар Тоҷикистон ҳанӯз 50 сол пеш манъ шудааст. Пӯсти он гарон буда, шикораш маҳз ба ҳамин вобастагӣ дорад.

### КОРШИНОС: БАБРИ БАРФӢ БЕСАБАБ ЗАРАР НАМЕРАСОНАД

Бабри барфӣ нодиртарин ҳайвони сайёраи Замин ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саршумори он ба 220-250 сар расидааст ва ин нишондиҳанда аз хати сурх ҳам поён арзёбӣ мегардад. Яъне, ҳайвонҳое, ки саршуморашон то 500 адад мебошад, хатари аз байн рафтанашон пайдо мегардад.

Дар мавриди пурзӯр кардани ҷазо барои шикори ғайриқонунии бабри барфӣ коршиноси муҳити зист, номзади илмҳои биологӣ Убайдулло Акрамов дар суҳбат бо мо чунин гуфт:

- Тибқи ҳисоботи оморӣ, саршумори бабри барфӣ дар кишварҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон, Покистон ва дигар давлатҳо 20-30-50 адад мондаанд ва ин хуб аст, ки дар мавриди пурзӯр кардани ҷазо барои шикори ғайриқонунии бабри барфӣ дар кишвари мо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид гардид. Акнун, хуб мешавад дар миёни чорводорон корҳои фаҳмондадиҳӣ зиёд шавад. Ба онҳо фаҳмонидан даркор, ки бабри барфӣ душмани онҳо нест ва то қадри имкон барои онҳо луқма гузоранд. Фарз кардем, агар дар ВМКБ 380- 400 ҳазор сар моли майда бошад, барои хӯроки бабри барфӣ 300-400 - тои онҳоро дар табиат монанд, ҳам ҳайвони мавриди назар бе луқма намемонад ва ҳам зарари зиёд ба моли мардум намерасад. Аз ҷониби дигар, мувофиқи маълумоти оморӣ, шумораи сайёҳон ба 1 миллион расидааст ва гуфта мешавад, ки аксари онҳо барои тамошои бабри барфӣ омадаанд ва фоидаи инҳо ба буҷети давлат чандин маротиба зиёдтар аз чорводорист.

Бабри барфӣ яке аз ҷонварони тавоно ва бениҳоят осебпазир буда, дар манзараҳои баландкӯҳу ноҳамвор дар баландиҳои зиёда аз 3000-4500 метр зиндагӣ мекунад.

Дар мавриди сабабҳои шикори ғайриқонунии бабри барфӣ гуфтан мумкин аст, ки бисёр кишварҳои ба мо ҳамсарҳад ба бабри барфӣ ниёзи зиёд доранд ва як гурӯҳи одамон мехоҳанд, ки ба кишварҳои хориҷӣ узвҳои онро фурӯшанд. Сабаби дуюм, барои дарафтодан ба чорвои мардум аст. Сеюм, мардум метарсанд, ки бабри барфӣ ба онҳо зарар мерасонад, вале ин хел нест.

Ба гуфтаи ҳамсуҳбати мо, бабри барфӣ намегузорад, ки бемориҳои сироятии ҳайвонҳо паҳн шаванд, балки ҳайвонҳои беморро нест мекунад.

